## ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН

# ШАРЊИ ИЉРОИ БАРНОМАИ МИЁНАМУЊЛАТИ РУШДИ ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН БАРОИ СОЛЊОИ 2016 – 2020

**Тавсифи умумї**

# Интизориҳои дарозмуддат нисбати рушди кишвар

| СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД - 2030 | | |
|---|---|---|
| Марҳилаи1 – Барномаи миёнамуддати рушд ба солҳои 2016-2020 | Марҳилаи 2 – Барномаи миёнамуддати рушд ба солҳои 2021-2025 | Марҳилаи 3 – Барномаи миёнамуддати рушд ба солҳои 2026-2030 |
| Давраи гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ | Марҳилаи рушди суръатнок, ки ба ҷалби сармоягузориҳо асос ёфтааст | Марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо |

Дар марҳилаи дарозмуддат дар назди кишвар се вазифаи асосӣ меистад:

1) ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда;
2) таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;
3) вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна.

## Пеш аз њама

- Њадафи шарњ -– инъикоси натиљањои муњими раванди татбиќи БМР 2016 - 2020, асоснокии сабаќњои омўхта ва интизорињои рушд барои давраи миёнамуњлати минбаъда мебошад.
- Дар иртибот ба ин,  ноилшавї ба рушд на танњо аз нуќтаи назари миёнамуњлат, балки њамчунин, интизорињои дарозмуњлати дар Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030 ва Њадафњои Рушди Устувор (минбаъд ЊРУ) инъикосгашта арзёбї карда мешаванд.
- Тавсияњо ва тањлилњои дар шарњ овардашуда дар тањияи лоињаи Барномаи миёнамуњлати рушди Љумњурии Тољикистон барои солњои 2021-2025 ба инобат гирифта шуданд.
- Ҳангоми таҳияи гузориши мазкур маълумотҳои ҳисоботии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои соҳавӣ, махзани маълумот ва нашрияҳои созмонҳои байналмилалӣ, инчунин арзёбињои коршиносон истифода шуданд.
- Бо мақсади таъмини иштироки васеъ дар раванди мониторинги татбиқи БМР 2016-2020  дар вазоратҳои дахлдор, инчунин дар минтақаҳо, муњокимањо гузаронида шуд, ки натиҷаҳои онњо ба баррасии кушоду шаффофи масъала, андўхти сабаќ ва вазифагузорї ба солњои минбаъда истифода бурда мешавад.

## ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

- *дар маљмўъ, суръати рушди иќтисодї нисбат ба дигар кишварњо, аз љумла Иттињоди Давлатњои Мустаќил (ИДМ), дар сатњи болотар ќарор гирифт….*



## ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

***- суръати нисбатан баланди (аз сатҳи пешбинишуда) рушди иқтисодї таъмин гардид…..***



## ДАСТОВАРДҲО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

***-сатҳи зиндагонии мардум баландтар шуд, лекин суръати коҳиши сатҳи камбизоатӣ каме сусттар аст.....***

| | 2015 воқеӣ | Афзоиш дар давоми солҳои 2016-2020 | 2020 - воқеӣ | 2020 – сатҳи мақсаднок | *Арзёбии натиҷаҳои рушд* |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаљми ММД, млрд. сомонӣ (бо нархҳои соли 2020) | 59,6 | +38,4% | 82,5 | 82,3 | *афзоиш дар ҳудуди қариб 1,4 маротиба, бо расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |
| Ҳаљми ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ҳаз.сомонӣ (бо нархҳои соли 2020) | 7,0 | +24,5% | 8,68 | 8,66 | *афзоиш дар ҳудуди 1,2 маротиба, бо расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |
| Сатҳи камбизоатии аҳолӣ | 31,3 | -5% | 26,3 | 20 | *коҳиш дар ҳудуди 5%, вале бе расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |

## ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

***-дар доираи ташаккули иктисодиёти индустриалї- аграрӣ дигаргуниҳои сохторї ба амал омаданд, ки бо афзоиши ҳиссаи саноат ва коҳиши мӯътадили ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД пайваст аст…….***



## ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

***-дар доираи ташаккули иктисодиёти индустриалї- аграрӣ дигаргунихои сохторї ба амал омаданд, ки бо коҳиши мӯътадили ҳиссаи кишоварзӣ дар шугл  пайваст аст…….***



# ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

## *- тамоюли мусбии ноилшавї ба њадафњои стратегии мамлакат таъмин гардид*

| | 2015 вохеї | Афзоиш дар давоми солњои 2016-2020гг | 2020 - вохеї | 2020 – сатњи максаднок | *Арзёбии натиљањои рушд* |
|---|---|---|---|---|---|
| **Таъмини истиќлолияти энергетикї ва самаранокии истифодаи неруи барќ** | | | | | |
| Истењсоли ќувваи барќ дар НБО – њо, млрд. кВт.соат | 16,8 | +0,6% | 16,9 | 24,5 | *афзоиш дар њудуди 0,6%, вале бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Истењсоли ќувваи барќ ба њар сари ањолї , њаз. квт.соат/нафар | 2,00 | +10,0% | 2,2 | 2,78 | *афзоиш дар њудуди 10%, вале бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| ***Таъмини саноатикунонии босуръат*** | | | | | |
| Њаљми истењсоли мањсулоти саноатї, млрд. сомони (бо нархњои соли 2020 года) | 16,1 | +91,9% | 30,9 | 25,8 | *афзоиш дар њудуди 1,9 маротиба, бо расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Њиссаи саноат дар ММД | 13,3 | +4,1% | 17,4 | 13,0 | *афзоиш дар њудуди 4,1%, бо расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| ***Таъмини амнияти озуқаворӣ*** | | | | | |
| Њаљми истењсоли мањсулоти кишоварзї, млрд. сомонї (бо нархњои соли 2020) | 27,6 | +36,2% | 37,6 | 41,4 | *афзоиш дар њудуди 1,4 мартиба, вале бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Сатҳи худтаъминкунӣ аз рӯи намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, бо % | 50 | +10% | 60 | 65 | *афзоиш дар њудуди 10%, вале бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| ***Рањої аз бунбасти коммуникатсионї ва табдил ба кишвари транзитї*** | | | | | |
| Гардиши бор, млрд. т. км | 6,0 | +30% | 7,8 | 7,2 | *афзоиш дар њудуди 1,3 мартиба, бо расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Гардиши мусофирон | 9,2 | -10,9% | 8,2 | 12,1 | *коњиш дар њудуди 11%, бе расидан ба* |

# ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

***-ниёз ба вусъатёбии равандњои сармоягузорї баланд боќї мемонад…….***

- маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, дар маъмўъ, асосан ба инфрасохтор , аз ҷумла ба бахши энергетикаи ҷумҳурӣ (40,1 фоиз) ва рушди нақлиёт (10 фоиз) равона карда шуд, ки заминаҳои заруриро барои рушд фароњам меорад

- њиссаи сармоягузорињои хусусї дар ММД 4 фоизро ташкил дод, ки аз нишондињандаи маќсаднок дур мебошад (10-11 фоиз).

- воридшавии сармоягузории мустаќими хориљї (СМХ) нисбати ММД ба њисоби миёна 4,1 фоизро ташкил дод, ки аз нишондињандаи муносиби кишварњо ду маротиба кам мебошад (дар доираи 7 – 10 фоиз барои мамлакатњои дар марњилаи гузариш ќарордошта).

- њаљми СМХ ба соњањои истихрољ нисбатан зиёд буда, зарур аст то дар давраи миёнамуњлати минбаъда њаљми он ба соњањои коркард афзоиш ёбад….

# ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

***-Дар маљмўъ, Дар раванди амалишавии БМР 2016-2020 ноилшавї ба натиљањои чашмдошт дар доираи ќариб 50 фоиз нишондињандањои маќсаднок муяссар гардид. Аз як тараф, таъмини рушд дар шароити пањншавии бемории сироятии COVID-19 мушкил буд ва сабаби асосии иљро нагардидани 38,1 фоиз нишондињандањои маќсаднок мебошад.***



# ДАСТОВАРДЊО ВА РУШДИ БАРДАВОМ

**Њадафи стратегии кишвар - баланд бардоштани сатњи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иќтисодї**

**2016** → **2020** → **2025**

***Самтњои асосии зерини гузариш ба модели нави рушд муайян шуд, ки дар марњилањои оянда низ бояд идома ёбанд***:

– баланд бардоштани самаранокї ва гуногуншаклии бахши воќеии иќтисодиёт ва тамоми захираву иќтидорњои миллї;

– такмили идоракунии давлатї бо маќсади рушд;

– ташаккули низоми нави институтсионалии дастгирии бахши хусусї ва таѓйироти куллии муњити соњибкорї ва фазои сармоягузорї;

– баланд бардоштани мањсулнокии сармояи инсонї, табиї, љисмонї ва маънавї;

– васеъ љорї намудани принсипњои «иќтисоди сабз»

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият***:

- тақвият бахшидани чораҳои пешгирикунанда дар шароити таъсири манфии падидаҳои буҳронӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон бинобар паҳншавии пандемияи бемории сироятии COVID-19;

- мушаххас намудани принсипи индустриалӣ дар чаҳорчӯбаи ҳадафи нави миллии стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар;

- васеъ истифода кардани манбаъҳои дохилии рушд, ки ҳамчун омили асосии таъмини тараққиёти устувори минбаъдаи иқтисоди миллӣ дар давраи солҳои 2021-2025 хизмат хоҳад кард;

- фароҳам овардани заминаи мусоид барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул;

- ташаккули иқтисоди рақамӣ барои тавсеаи принсипи рушди инноватсионӣ.

***Натиљаи чашмдошт - таъмини суръатњои баланди рушди иќтисодӣ бо баланд намудани некуањволї, коњиши сатњи камбизоатї***

## МУСТАЊКАМ НАМУДАНИ ИЌТИДОРЊОИ ИНСТИТУТСИОНАЛЇ

***- фаъолиятҳо дар самти ташаккул додани низоми маљмўии банаќшагирии стратегї ва манзур намудани маќсадњои дарозмуњлат ва миёнамуњлат барои маќомоти давлатї фаъол гардид....***

- Омилњое, ки дар самти зикршуда ба фаъолияти самараноки низоми маќомоти иљроияи њокимияти давлатї таъсири мусбат расонидаанд:

 - ташаккули низоми назорати ноил шудан ба маќсадњо барои маќомоти иљроияи њокимияти давлатї ва роњбарони онњо;

 - афзоиши иќтидори назорати парлумонї дар иртибот ба сари ваќт ќабул намудани ќарорњо аз љониби њокимияти ќонунгузор;

 - инкишофи низоми омоданамоии кадрњои идоракунанда.

- Њамаи соњањо ва минтаќањои мамлакат бо барномањои рушди иљтимоию иќтисодї фаро гирифта шуда, њамзамон бо ин силсилаи консепсияњо, стратегияњо ва барномањои соњавї мавриди амал карор гирифтанд.

# МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ ИҚТИДОРҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

**- *Натиҷаҳои ислоҳотҳои зиёд Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси давлати ислоҳотгар эътироф намуда, дар соли 2020 дар рӯйхати топ – ислоҳотгарон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» - и Бонки Умумиҷаҳонӣ аллакай бори чаҳорум ворид гардид......***



## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Кишоварзӣ - афзоиши њаљмњои истењсоли мањсулот таъмин гардид.....***



## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Кишоварзӣ -  лекин суръати рушди соња бояд дар сатњи баландтар таъмин мегашт …..***



# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Кишоварзӣ - вусъатёбии фаъолият муҳим аст …..***

**Њадафи стратегии кишвар – ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ (ҲРУ 2)**




***Самтњои амалњо ва чорабинињо асосї:***

- густариши ислоњоти аграрї бо маќсади ташаккул ва инкишофи истењсолоти кишоварзии сердаромад;
- таъмини дастрасии устувори корхонањои кишоварзї ба захирањои молиявї ва ќарзї;
- бењтар намудани инфрасохтор ва таъминоти моддию техникии кишоварзї;
- бартараф намудани сатњи пасти худтаъминкунии озуќаворї, баланд бардоштани дарањаи амнияти озуќаворї ва бењтар кардани сифати ѓизо.

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият***:

- татбиқи босифати Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- тақвияти татбиқи сиёсатиояндабинӣ бо назардошти тағйирёбии боду ҳаво ва таркиби бозори истеъмолӣ, ҳамзамон пешгирии талафоти ҳосил;
- такмили сиёсати минтақавии ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ, ҳамзамон интихоби минтақаҳо тибқи занҷираи «ашёи хом-истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ-дарёфти бозори фурӯш
- рушди низомҳои миллии суғуртакунии ҳосили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);
- баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонии истеҳсолот.

***Натињаи чашмдошт - таъмини суръатњои баланди рушди истењсоли мањсулоти кишоварзї бо таъмини афзоиши сатҳи худтаъминкунӣ аз рӯи намудҳои асосии маҳсулот***

## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Саноат - Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,9 маротиба зиёд шуда, суръати афзоиши миёнаи солона 14 фоиз таъмин гардид…..***

| | | Суръати афзоиши миёнасолона | Афзоиш дар маъмўъ |
|---|---|---|---|
| **1.** | Њамагї саноат | 13,9 | 1,92 маротиба |
| **2.** | Саноати истихроъ | 18,0 | 2,23 маротиба |
| **3.** | Саноати коркард | 15,3 | 2,0 маротиба |
| **4.** | Истењсол ва таќсимоти ќувваи барќ, газ ва об | 6,6 | 1,4 маротиба |

## РУШДИ СОҲАҲО ВА БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Саноат -соҳаҳои саноати коркард мебоист бо суръатҳои нисбатан баландтар рушд меёфтанд……..***

Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон,%



# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Саноат -њаљми истењсоли мањсулоти саноати коркард афзун гардида бошад њам, ноилшавї ба як ќатор нишондињандањои маќсаднок, махсусан истењсоли мањсулоти нассољї мушкил гардид……***

## Њаљмњои истењсол дар саноати коркард

| | 2015 воќеї | Афзоиш дар давоми солњои 2016-2020гг | 2020 - воќеї | 2020 – сатњи маќсаднок | *Арзёбии натиљањои рушд* |
|---|---|---|---|---|---|
| Истењсоли семент, млн. тонн | 1,4 | 3 маротиба | 4,2 | 3,0 | *афзоиш дар њудуди 3 маротиба, бо расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Истењсоли матоъњои пахтагин, млн. м. мураббаъ | 8,4 | - 12% | 7,4 | 80 | *коњиши истењсоли мањсулоти мазкур дар њудуди 12 фоиз, бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Хишти бинокорї, млн. дона хишти шартї | 113,1 | +44,6% | 163,6 | 155 | *афзоиш дар њудуди 1,4 маротиба, бо расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Фоизи коркарди нахи пахта | 6,1 | +20,1 | 26 | 32 | *афзоиш дар њудуди 20,1фоиз, вале бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |
| Фоизи коркарди пилла | 23,7 | -13,7 | 10 | 40 | *коњиши сатњи коркарди мањсулоти мазкур дар њудуди 13,7 фоиз, бе расидан ба нишондињандаи маќсаднок* |

# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

## *Саноат –устуворгардонии рушд ва њамоњангсозии фаъолияти байниидоравї мухим аст*

**Њадафи стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат бо тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок**

**2016** → **2020** → **2025**

***Самтњои амалњо ва чорабинињои асосї:***

- такмили чорањои танзими гумрукию тарифї барои њимояи молистењсолкунандагони ватанї дар доираи меъёрњои СУС;
- такмили сиёсати ќарзию молиявї барои таъмини соњањои саноат бо захирањои ќарзї бо шартњои ќобили ќабул;
- такмили сиёсати андоз барои њавасмандгардонии фаъолнокии сармоягузории соњибкорони хусусї;
- такмил додани заминаи меъёрии њуќуќии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунї;
- баланд бардоштани дараљаи њимоя аз моддањои кимиёии хатарнок дар бахш саноат;
- таљдиди соњањои саноатї ва диверсификатсияи он;
- баланд бардоштани сифат ва эътибори мањсулоти саноатии ватанї дар бозорњои дохилї ва ҷањонї

→

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:***

- такмили заминаҳои институтсионалӣ барои рушди устувор ва босуръати соҳаҳои саноат;
- баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи истеҳсолоти саноат;
- афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард ва таъмини талаботи дохилӣ ба маҳсулоти тайёр;
- ҷобаҷогузории оқилона ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар;
- афзоиши арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди кластерҳои соҳавӣ.

***Натиљаи чашмдошт - таъмини суръати баланди рушди саноат бо зиёд намудани ҳиссаи соња дар сохтори ММД – и кишвар то 26,3 фоиз***

## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Комплекси сўзишворию энергетикї- Истењсоли неруи барќ дар љумњурї характери ноустувор дорад, ки сабаби асосии он бо обтаъминкунии НБО ба њисоб меравад.....***

Истењсоли неруи барќ, млрд. квт/ соат



# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Комплекси сўзишворию энергетикї- дар асоси рушди зернизомҳои ангишт ва нафтугазӣ ва азхудкунии манбаъҳои неруи барқароршаванда боз њам бењтар бояд таъмин шавад....***

**Њадафи стратегии кишвар – ноил шудан ба амнияти пурраи энергетикӣ бо таъмини рушди комплекси энергетикии кишвар**

2016 → 2020 → 2025

***Самтњои амалњо ва чорабинињои асосї***:

- диверсификатсияи манбаъњои энергия;
- ноил шудан ба таѓйироти мусбати миќдорї ва сифатї дар энергетикаи ватанї;
-њавасмандгардонии рушди босуботи превентивии соњањои алоќаманд ва инфрасохтори энергетикї

→

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият***:

- идомаи сохтмони агрегатҳои навбатии НБО «Роғун»;
- сохтмони НБО «Себзор»;
- идомаи таҷдид ва азнавсозии НБО-ҳои мавҷуда: «Қайроққум», «Норак», «Сарбанд».
- сохтан ва ба истифода додани иншооти истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои алтернативии барқароршавандаи энергия дар минтақаҳои ҷумҳурӣ

***Натиљаи чашмдошт: таъмини афзоиши - ҳаҷми нерўи барқ, њиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар истеъмоли ниҳоии энергия, њиссаи аҳолии дорои дастрасӣ ба энергияи гармӣ***

# РУШДИ СОҲАҲО ВА БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Бахши молиявӣ -иқтидорҳои муассисаҳои молиявӣ тақвият ёфтанд, лекин суръатҳои рушд мебоист ба натиҷаҳои баландтар мебаромад***

Суръати тағйирёбии нишондиҳандаҳои мақсадноки рушди бахши молияви

| | 2015 воқеӣ | Афзоиш дар давоми солҳои 2016-2020гг | 2020 - воқеӣ | 2020 – сатҳи мақсаднок | *Арзёбии натиҷаҳои рушд* |
|---|---|---|---|---|---|
| Активҳои ташкилотҳои қарзӣ, млрд. сомонӣ | 17,8 | +48% | 26,3 | 44,4 | *афзоиш мушоҳида мегардад, вале бе расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |
| Шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба ҳар 100 ҳаз. нафар аҳолӣ, воҳид | 1,6 | -56,2% | 0,7 | 2,6 | *афзоиш мушоҳида мегардад, вале бе расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |
| Шумораи филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ ба ҳар 100 ҳаз. нафар аҳолӣ, воҳид | 5 | 4 мар | 20,5 | 7,5 | *афзоиш мушоҳида мегардад, бо расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |

# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Бахши молиявї - суръатњои рушд барои таъмини тавсеаи дастрасї ба захирањои молиявї  сафарбар мегардад….***

**Њадафи дарозмуддати кишвар – афзоиши иќтидор  ва ракобатпазирии ташкилотхои молиявї**




***Самтњои амалњо ва чорабинињои асосї:***

- паст кардани сатњи осебпазирии бахши молиявї ва таъмини устувории фаъолияти он;
- баланд бардоштани дастрасї ба захирањои молиявї.

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:***

- беҳтар намудани самаранокии тақсимоти захираҳои молиявӣ, назорати доимӣ оид ба истифодабарии захираҳои молиявӣ ва харочоти мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ;
- баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ;

***Натиљаи чашмдошт: таъмини афзоиши - ҳиссаи бахши бонкӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дар ММД, рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар***

## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Сармояи инсонї - Маблаѓгузории давлатии бахшњои иљтимої ва инфрасохтор барои таъмини рушди инсонї афзуд***

Сохтори харољоти буљети давлатї, %



## РУШДИ СОҲАҲО ВА БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Таъмини шуғл- дар давоми панҷ соли охир, дар маҷмуъ, 654,7 ҳазор ҷойи нави корӣ, аз ҷумла 300 ҳазор доимӣ, 166,2 ҳазор муваққатӣ ва 160,2 ҳазор мавсимӣ таъсис дода шуданд….***

| Сохтории соҳавии шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,% | 2015 | 2020 |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисод, аз ҷумла: | 100,0 | 100,0 |
| Дар бахши воқеӣ | 71,6 | 70,0 |
| - дар саноат | 3,8 | 5,0 |
| - дар кишоварзӣ | 64,9 | 60,9 |
| - дар сохтмон | 2,8 | 4,1 |
| дар соҳаи хидматрасониҳо | 28,4 | 30,0 |
| - дар соҳаи нақлиёт ва алоқа | 2,4 | 2,4 |
| - дар бахши маориф | 8,8 | 9,9 |
| - дар бахши тандурустӣ | 4,1 | 4,7 |

# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

## *Таъмини шуѓл- афзалиятњои дар БМР 2016 – 2020 гузошташуда дар давраи миёнамуњлати минбаъдаи рушд оид ба таъмини шуѓли пурмањсул ањамияти муњими худро низ нигоњ медорад*

**Њадафи дарозмуддати кишвар – таъмини шуғли пурмањсул**

2016 → 2020 → 2025

***Самтњои амалњо ва чорабинињои асосї:***

-васеъ намудани имкониятњои тањлил ва пешгўии рушди бозори мењнат (аз љумла дар миќёси минтаќањо);

- мусоидат ба таѓйироти сохторї дар соњаи шуѓл;

- ташаккули муњити раќобатпазир дар бозори мењнат ;

- таъсиси низоми њамкории устувор миёни низоми тањсилоти касбї ва бозори мењнат;

-бењтар намудани муњити соњибкорї ва ба расмият даровардани шуѓл дар асоси тадбирњои байнисохторї;

-такмил додани механизмњои идоракунии муњољирати мењнатии хориљии ба бењтар намудани шароити муњољират равонагардида

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:***

- тақвият додани иқтидорҳои институтсионалии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва ташаккули низоми агентиҳои хусусии шуғл;

- таҳияи барномаҳои суроғавии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои гурӯҳҳои ҳадафнок ва осебпазири аҳолӣ – модарони танҳо, ҷавонон, шахсони маъюб, аз он ҷумла дар асоси гурӯҳҳои ташкилшудаи кумаки ҳамдигарӣ;

- рушди низоми таъминоти иттилоотӣ барои мусоидат дар бокортаъминкунӣ ва таъмини дастрасии осон ба ин низом;

- ташаккули низоми афзалиятноки дастгирии корхонаҳо бо қарзҳои давлатӣ новобаста аз шакли моликият;

- тақвият додани механизмҳои шарикии иҷтимоӣ дар бозори мехнат

***Натиљаи чашмдошт –ривољи љараёни таъсиси ҷойҳои кори доимӣ, афзоиши њосилнокии мењнат***

# РУШДИ СОҲАҲО ВА БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Маориф - рушди низоми таҳсилот, афзоиши фарогирӣ бо таҳсилоти мактабӣ таъмин гардид…***






# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Маориф -вале суръати афзоиши љойњои нишаст дар низоми тањсилоти мактабї нисбат ба наќшањо каме сусттар буд…***

| | 2015 | Соли 2020 – нишондињ андаи маќсаднок | Афзоиши миёнаи солона (дар солњои 2016-2020) |
|---|---|---|---|
| Ба истифода додани љойњои нишаст дар низоми тањсилоти мактабї, њазор воњид | 10,9 | 30 | 15,7 |
| Афзоиши миёнаи солонаи кўдакон ва наврасони синну соли 7 – 15 – сола, њазор нафар | 46,1 | 47,7 | 49,4 |

## РУШДИ СОҲАҲО ВА БАХШҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Маориф -рушди низоми таҳсилоти касбӣ бо тавадҷуҳ ба таъмини дастрасӣ ва сифати таҳсилот …***

Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ

| | 2015 воқеӣ | Афзоиш дар давоми солҳои 2016-2020 | 2020 - воқеӣ | 2020 – сатҳи мақсаднок | *Арзёбии натиҷаҳои рушд* |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи донишҷӯёни МТО, ҳазор нафар | 176,5 | +39,3% | 245,9 | 237,6 | *афзоиш дар ҳудуди қариб 1,4 маротиба, бо расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |
| Шумораи донишҷӯён ба ҳисоби ба ҳар сари 10 ҳазор нафар аҳолӣ | 206,4 | +25,3% | 258,7 | 250 | *афзоиш дар ҳудуди 1,2 маротиба, бо расидан ба нишондиҳандаи мақсаднок* |

# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Маориф -дар давраи миёнамуњлати минбаъдаи рушд идомаи фаъолиятњо бо назардошти Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи рушди маориф таъмин мегардад***

**Њадафи дарозмуддати кишвар – Таъмини баробарии иљтимої ва дастрасии таҳсилот (ҲРУ 4)**

**2016** → **2020** → **2025**

*Самтњои амалњо ва чорабинињо асосї:*

- таљдиди идоракунии соњаи маориф ва илм;
- дастгирии рушди муассисањои таълимии ѓайридавлатї
- тањкими инфрасохтори соњаи маориф;
- љорї намудани низоми тањсилоти фарогир дар соњаи маорифи љумњурї;
- ташаккули низоми тањсилоти иловагї ва муттасил

*Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:*

- рушди инфрасохтор бо мақсади таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот;
- беҳтар намудани шароити таҳсилот барои афзоиши фарогирӣ ва сифати таълим;
- такмил ва азнавсозии технологияҳо, мазмун ва усулҳои омӯзиш бо такя ба навовариҳо;
- рушди низоми тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони соҳа, такмили ихтисос;
- таҳкими низом ва механизми институтсионалии баҳодиҳии сифати таълим;
- баланд бардоштани самаранокии маблағгузории низоми маориф;

***Натиљаи чашмдошт –таќвияти тамоюли маълумотнокї ва касбият бо такя ба таъмини дастрасї ва сифати тањсилот***

## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Тандурустї - Аз рӯи нишондиҳандаҳои сифатӣ, дар самти рушди соҳаи тандурустӣ пешравӣ дар давоми панљ соли охир ба назар мерасад***

- шумораи умумии фавти аҳолӣ дар ҷумҳурӣ 10 фоиз кам шудааст;
- сатҳи фавти кӯдакони то панҷсола аз 20,6 то 17,9 ба 1000 нафар зиндатаваллудшуда коҳиш ёфтааст, ки асосан бо коҳиши фавти тифлон аз 16,5 ба 14,3 ҳолат ба 1000 нафар зиндатаваллудшуда алоқаманд мебошад;
- фавти модарон аз 33,0 то ба 26,7 аз 100 ҳазор зиндатаваллудкарда коҳиш ёфт;
- сатҳи бемории сил аз 60,4 ҳолат то 40 ҳолат ба 100 ҳазор нафар коҳиш ёфт;
- бемории диабети қанд тақрибан 2,5 маротиба кам шудааст (аз 15,1 ҳолат то 30,3 ҳолат ба 100 ҳазор нафар);
- гирифтории аҳолӣ бори аввал ба гепатити вирусӣ аз 81,3 ҳолат ба 100 ҳазор аҳолӣ то 44 њолат коњиш ёфтааст. Бемориҳои шадиди рӯда 2,5 маротиба коҳиш ёфт.
- то соли 2020 ҳамаи муассисаҳои тиббии аввалия ба маблағгузории сарикасӣ гузаштанд

# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Тандурустї -Барои рушди устувори миёнамуњлат барномањои афзалиятноки иљтимої љињати њалли масъалањои рушди иќтидорњои инсонї ва тандурустї зарур мебошанд, ки дар мутобиќатї бо ЊРУ коркард карда мешаванд***

**Њадафи дарозмуддати кишвар – Баланду устувор намудани неруи низоми тандурустӣ**




*Самтњои амалњо ва чорабинињо асосї:*

- таљдиди амалияи идоракунии низоми тандурустї ;
- дастгирии рушди муассисањои тиббии ѓайридавлатї;
- таъмини рушди низоми тањсилоти тиббї, аз љумла тањсилоти фармасевтї ва илми тиб;
- ташаккул ва татбиќи низоми пешбурди чорабинињои профилактикї.

*Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:*

- таҳкими иқтидори низоми тандурустӣ;
- тақвияти фаъолияти профилактикии низоми тандурустӣ;
- такмил додани низоми пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ–санитарӣ;
- такмили низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ.

***Натиљаи чашмдошт –афзоиши давомнокии солими умр***

## РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Њифзи иљтимої- бо маќсади татбиќи сиёсати иљтимоии давлат дар соњаи њифзи иљтимоии ањолї ва таъмини кафолатњои иљтимоии маъюбон, собиќадорони љанг ва мењнат ва шахсони ба онњо баробаркардашуда, инчунин кўдакони ятим ва оилањои камбизоат дар чањорчўбаи санадњои меъёрии њуќуќии соњавї чорањои мушаххас ќабул карда шудаанд***

- Аз нав дида баромадан ва васеъ намудани гурўњњои осебпазири ањолии дорои њуќуќњо ба њифзи иљтимої таъмин карда шуд
- Бењтар намудани низоми  мониторинг ва арзёбии чорабинињо барои паст кардани сатњи камбизоатї (аз рўи нишондињандањои некўањволї) дар сатњи мањаллњо. Индикаторњои арзёбии сатњи некўањволї ва оилањои камбизоате, ки аз таъин ва пардохти кумаки унвонии иљтимої истифода мебаранд, дида баромада шуда, меъёрњои нав ва иловањо љорї карда шуданд.
- Рушди усулњои пешнињоди хизматрасонињо ба гурўњњои осебпазири ањолї дар таќсимоти шањрњо ва ноњияњо (дењањо).
- Таќвиятбахшии махзани иттилоотии низоми  њифзи иљтимої, бахусус дар ќисмати таъминоти нафаќа ва барќарорсозии маъюбон
- Татбиќи барномањои кумаки унвонии иљтимої, ки ба сифати љузъи асосии барномањои ислоњоти давлатии низомњои таъминоти иљтимої, ки бо ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз моњи феврали соли 2017 ба тасвиб расидааст, идома дода шуданд

# РУШДИ СОЊАЊО ВА БАХШЊОИ ИЌТИСОДИЁТ

***Њифзи иљтимої- низоми њифзи иљтимоиро њамон тавр устувор намудан зарур аст, ки он ба буњронњои минбаъда омода бошад.***

- Дар давраи миёнамуњлати минбаъда низоми мављудаи таъминоти иљтимои устувортар мегардад, ки он тавонад бештар самараноктар ба тағйироти минбаъда эътино пайдо намояд.

- Дар самти пайваст намудани равзанаи имкониятњои демографї, афзоиши иќтисодї, камбудињо дар маълумотњои иљтимої – иќтисодї, ислоњоти идора ва фазои фискалї ба манфиати афзалиятњои консептуалї ва механизмњои пешбаранда дар чањорчўбаи таъминоти њифзи иљтимої, аз он љумла бо таъкид ба хусусиятњои хоси гурўњњои алоњидаи осебпазири табаќањои ањоли фаъолиятхо амалї мегарданд

## РУШДИ МИНТАЌАЊОИ КИШВАР

***Натиља- Камбизоатӣ дар њамаи минтаќањо коњиш ёфт***



## РУШДИ МИНТАЌАЊОИ КИШВАР

***Натича- истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои ҷумҳурӣ афзоиш ёфта боиси таъмини бозори дохила ва содирот ба кишварҳои ҳамсоя гардид***

Сурътњои миёнасолонаи афзоиши истењсоли мањсулоти саноатї дар миќёси минтаќањои кишвар (дар солњои 2016-2020), %



## РУШДИ МИНТАЌАЊОИ КИШВАР

***Дар назар аст, ки ба њалли масъалањои баланд намудани нерўи минтаќањо дар марњилањои минбаъда низ таваљљуњи баланд дода мешавад***

**Њадафи дарозмуддати кишвар – Фароҳам овардани шароити ҷолиби зиндагӣ дар минтақаҳои кишвар (ҲРУ 11)**

**2016** → **2020** → **2025**

***Самтњои амалњо ва чорабинињои асосї:***

- баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатии мањаллї ва худидоракунии мањаллї;
- фароњам овардани шароити љолиб барои соњибкорї;
- рушди маљмўии дењот;
-ташаккули асосњои инстутитсионалии шањрикунонї;
- ташаккули кластерњои саноатии минтаќавї њамчун «ќутбњои афзоиш»-и устувори минтаќањо

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:***

- ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудӣ-истеҳсолии шимолӣ, ҷанубӣ ва шарқии кишвар дар асоси ҷойгиршавии захираҳои бойи табиӣ (кластерҳои саноатӣ);
- махсусгардонии минтақаҳои кишвар ва ноҳиябандии иқтисодии онҳо;
- тақвият бахшидани фаъолияти сохторҳои мавҷудаи институтсионалӣ (аз ҷумла, фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба банақшагирии ҳамбастаи афзалиятҳои миллӣ ва минтақавӣ ҷиҳати муайян намудан ва татбиқи сиёсати минтақавӣ);
- таҳия ва қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ

***Натиљаи чашмдошт – натиҷабахшии идоракунии рушди иҷтимоию–иқтисодии минтақаҳои кишвар афзудааст (пешравӣ аз рӯи индикаторҳои ҲРУ таъмин мегардад)***

## *БМР 2021-2025 дастовардҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар солҳои охир ва таҷрибаи андӯхтаи банақшагирии миллии индикативӣ ба инобат гирифта шуда, дар он боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум таъмин мегардад*

***Зинаи 3***

Вазифањои калидї:- диверсификатсияи иќтисодиёт бо сатњи њосилнокї ва мањсулнокии баланд ва такя ба инноватсия. Механизмњои калидї – сармоягузории давлатї ва хусусї, љањиши технологї, раќобатпазирї.

**Солњои 2026- 2030 – Ба анљом расидани саноатикунонии босуръат ва ба вуљуд овардани иќтидорњо барои рушд дар асоси дониш ва инноватсияњо**

***Зинаи 2***

Вазифањои калидї – афзоиши якбораи сармоягузорињо ба бахшњои воќеї ва инфрасохтор. Механизмњои калидї - сармоягузории давлатї ва хусусї, сармояи инсонї, бахши молиявї, фазои раќобатпазир.

**Солњои 2021 – 2025 –Рушди босуръат дар асоси сармояњо**

***Зинаи 1***

**Солњои 2016 – 2020 – Афзоиши иќтисодї дар заминаи сармояњо ва рушди истењсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда**

Вазифањои калидї – ташаккули замина ва манбањои нави рушд, васеъгардонии миќёсу суръати боздењи он барои давраи минбаъдаи миёнамуњлат.